

Табибони мухтарам!

Хамаи кормандони сохаи тандурустии нохияро бо иди касбӣ - Рӯзи шифобахшону хомиёни саломатии инсон табрику мубораквод намуда, бароятон сихативу саломатӣ барори кор ва саодати зиндагиро таманно менамоям!

Вокеан дар таъриху фарханги халки точик сохаи тиб макоми шоиста дошта, давоми садсолахо ачдодони донишманди мо ба мисли Закариёи Розӣ, Абуалӣ ибни Сино ва даххо нафарони дигар ганчинаи бебахои тибби чахониро ба вучуд овардаанд.

Кобили зикр аст, ки Асосгузори сулху Вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар Паёми худ чунин кайд намуданд, ки «**Миллати солим тахкурсии чомеаи солим мебошад**» ва саломатии миллатро боигарии давлат номида, пайваста ба рушди сохаи тандурустӣ таваччухи хоса зохир менамоянд.

Алхол дар муассисахои тандурустии нохия 653 нафар кормандони тиб фаъолият менамоянд ва таъминоти ахолӣ ба кормандони сохаи тиб 87 фоизро ташкил медихад.

Соли равон барои духтурони нохия, чун саросари олам, давраи душвори санчиши малака ва махорати касбӣ ба хисоб рафта, дар мубориза бо бемории сироятии коронавируси нави COVID-19 бори дигар нишон дод, ки табибон хамеша дар фикри саломатии мардум буда бахри баланд бардоштани сатху сифати хизматрасонии тиббӣ ва хифзи саломатии сокинон аз беморихои сироятӣ тамоми донишу малака ва неруъи худро равона месозанд.

Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар суханрониашон корнамоихои имрӯзаи табибони кишварро ба кахрамонихои замон баробар дониста Шуморо начотбахшони миллат номиданд. Дар хакикат фидокорихое, ки Шумо табибон бо дастони мӯъчизакор, акли гиро, сухани нек кардед, шоистаи тахсин буда, ба мардум саломатӣ ва умри дубора бахшид.

Бояд кайд намуд, ки бо максади баланд бардоштани маърифати солимии ахолӣ ва додани тавсияхо оид ба пешгирии беморихои сироятӣ ва даъвати сокинон ба риояи коидахои бехдошти тарзи хаёти солим дар нохия 56 адад гуруххои таргиботию фахмондадихӣ аз хисоби кормандони сохаи тиб, фаъолону омӯзгорон таъсис дода шуда буд, ки дар ин давраи хассос бо мардум корхои фахмондадихиро ба рох монда дар пешгирии беморихои сироятӣ сахми арзандаи хешро гузоштанд.

Маврид ба зикр аст ки соли равон бо ташаббуси Асосгузори сулху Вахдати миллӣ, Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Рахмон оид ба пешгирии бемории сироятии коронавирус як зумра маводхои доруворӣ ва хӯрока ба табибони нохия дода шуд, ки аз татбики сиёсати давлат дар сохаи тандурустӣ шаходат медихад.

Макомоти ичроияи хокимияти давлатии нохия низ бо максади пайваста таъмин намудани шуъбаи сироятии беморхонаи марказии нохия бо маводхои доруворӣ, хӯрока, маводхои безараргардониву мухофизатӣ ва гузаронидани корхои безараргардонӣ дар худуди нохия то ба ин рӯз аз хисоби бучаи махаллӣ зиёда аз 500 хазор сомонӣ маблагхо чудо намуд. Хамзамон дар ин давраи душор сокинони саховатпешаи нохия низ бетараф набуда бо максади пешгирии беморихои сироятӣ зиёда аз 318 хазор сомонӣ кӯмакхои гуногун расонида шуд.

Бояд зикр намоям, ки баробари пешравихо дар сохаи тандурустӣ муаммохое низ вучуд доранд, ки бахри бартараф намудани он аз хамаи мову шумо масъулияти дучандро такозо менамояд. Аз чумла нарасидани мутахассисони соха имрӯз масъулинро набояд ором гузорад.

Чомеа аз Шумо табибони хозик умед ва боварии калон дорад зеро шумо бо хаёти инсон сару кор дошта дар чунин давраи хассос начотбахши мардум хастед.

Итминони комил дорам, ки табибони нохия минбаъд низ бо азму иродаи кавӣ ва муносибати некбинона бобати баланд бардоштани сатхи маърифати тиббии ахолӣ, пешгирии беморихо ва таргиби тарзи хаёти солим шоиста хизмат мекунанд. Дар ин рӯзхои фарах ба хамаи кормандони соха - Синопешагони нохия рӯзгори обод ва комёбихои беназир таманно менамоям.

Иди касбӣ муборак табибони азиз!